**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025. – 345 с.**

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули падидаҳои номатлубу хатарафзо имрӯз ҳар миллату давлат мехоҳад арзишҳои миллӣ ва таърихии хешро эҳё ва ҳифз намояд, вале ин на ба ҳама муяссар мегардад. Маҳз истиқлоли давлатӣ ва сиёсати фарҳангпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон дод, ки тоҷикон дар масири бунёди давлати мутамаддину миллӣ арзишҳои таърихию фарҳангии хешро эҳё ва ҳифз намоянд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳёи арзишҳои тамаддуни аҷдоди тоҷикон ва дар ин замина муаррифии миллат дар арсаи ҷаҳонӣ корҳои зиёдеро дар амал татбиқ намуданд. Дар ин радиф, эълони Соли тамаддуни ориёӣ (2006), мавқеи ҷаҳонӣ касб кардани Наврӯз, эҳёи ҷашнҳои Садда, Меҳргон, Тиргон, ҷашни 5500 – солагии шаҳри бостонии Саразм ва сабти он дар феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО, 2700-солагии Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисор, бузургдошти 1310 солагии Абуҳанифа Имоми Аъзам ва ғайра аз ташаббусҳои созандаи сарвари давлат дар роҳи муаррифии таъриху тамаддуни мардуми тоҷик аст. Бояд гуфт, ки ҷашну маросимҳои мазкур миллати тоҷикро бо дарки амиқи ҳақиқати гузашта, дар вазъияти таҳаввулоти ихтилофбарангези замон метавонад мардумро дар бистари худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳамбастагии миллӣ нигоҳ дорад.

Ҳамчунин, чопи осори бунёдӣ ва фарогири масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони варзидаи хориҷию ватанӣ аз ҷониби сарвари давлати мухтарам Эмомалӣ Раҳмон падидаи бисёр муҳим дар самти баланд бардоштани худшиносии миллӣ арзёбӣ мегардад. Эмомалӣ Раҳмон бо чопи осори фарогир аз масъалаҳои калидии таърихи миллат бори дигар собит намуд, ки

аҷдоди тоҷикон монанди мисриҳо, чиниҳо ва ҳиндуҳо дар саргаҳи ташаккул ва рушди тамаддуни башарӣ қарор доштанд. Имрӯз омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар фарди ҷомеа новобаста аз касбу кор муҳим ва зарур мебошад. Иқдоми академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати муаррифии халқи куҳанбуёнд ва тамаддунофар имрӯз идома дорад.

Аз ин рӯ, таҳқиқу омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар доираи диссертатсияи докторӣ саривақтӣ буда, аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад. Ба диссертант муяссар гардидааст, ки бо истифода аз методу усулҳои махсуси таҳқиқоти илмӣ осори бунёдии Эмомалӣ Раҳмонро дар қиёс бо сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мунсифона таҳлилу баррасӣ намояд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, навгониҳо ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти амалӣ ва назариявии таҳқиқот мушаххас нишон дода шудааст. Мазмуну муҳтавои масъалаҳои таҳқиқшаванда дар панҷ боб ва ёздаҳ зербоб инъикос мегардад.

Дар боби нахусти диссертатсия – «Бозтоби масоили мубрами таърихи ақвоми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» се масъала мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Масъалаи якуми баррасишаванда «Масоили назариявӣ-методологии омӯзиши таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик» ном дошта, дар он консепсияҳои мухталифи таҳқиқотии муҳаққиқони хориҷию ватанӣ роҷеъ ба омӯзиши таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик аз ҷониби диссертант таҳлил мегардад. Дар ин хусус ҳақ бар ҷониби диссертант мебошад, ки ба консепсияи тамаддунии омӯзишии масъалаҳои мубрами таърих бартарӣ додааст. Маҳз истифодаи консепсияи тамаддунии омӯзиш ва таҳқиқи таърих воқеиятро ошкор месозад. Махсусан, ҳангоми омӯзиши таърихи халқи тоҷик рӯи кор гирифтани консепсияи мазкур муҳимму зарур мебошад. Чун аҷдоди тоҷикон дар саргаҳи ташаккули тамаддун ва фарҳанги башарӣ қарор доранд, аз нигоҳи тамаддунӣ омӯхтани масъала ба манфиат мебошад. Албатта, истифодаи консепсияҳои дигари омӯзишӣ низ ба маврид

мебошанд, вале барои миллати мутамаддин, ки дар ҳама марҳалаҳои таърихӣ аз худ мероси зиёдеро ба тамаддуни башарӣ эҳдо намудааст, истифодаи консепсияи тамаддунии омӯзиши таърих ба маврид мебошад. Ҳамчунин, имрӯз дар масири ҳифзу гиромидошти манфиатҳои миллӣ ва эҳёи арзишҳои фарҳангӣ омӯзиши таърих бо истифода аз консепсияи болозикр муҳим аст. Бартарии осори Эмомалӣ Раҳмон низ дар он зоҳир мегардад, ки бо истифода аз консепсияи тамаддунии омӯзиши таърих таълиф гардидаанд.

Дар зербоби дувуми боби мазкур – «Таҳқиқи масъалаи ақвоми ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон», якчанд масъалаҳои калидӣ ва баҳсноки таърихи аҷдоди тоҷикон ба монанди, нахустмеҳан, муҳоҷират, ташаккул, хусусияти хос ва умумияти унсурҳои тамаддуни ақвоми ориёӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф назари Эмомалӣ Раҳмонро дар қиёс бо натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносону забоншиносон мавриди таҳлил қарор дода, ба хулосае омадааст, ки баромади ақвоми ориёӣ ба сарзамини имрӯзаи Осиёи Марказӣ рост меояд. Дар ин хусус, ба осори таҳқиқшудаи бостоншиносон бештар таваҷҷуҳ мешавад. Дуруст таъкид мегардад, ки бе истифода аз натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ роҷеъ ба масъалаи нахустмеҳани ақвоми ориёӣ хулоса баровардан ғайримкон мебошад. Бинобар ин, аҳаммияти осори Эмомалӣ Раҳмонро ҷиҳати рӯшан намудани масъалаи мазкур дар он мебинад, ки осори бостонӣ дар он таҳлилу баррасӣ шудааст.

Зербоби сеюми боби аввал – «Масъалаи давлатдории сулолаҳои ориёӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» инъикосгари таҳқиқу баррасии таърихи давлатҳои Ҳахоманишиён, Порт, Кушониён, Сосониён ва Ҳайтолиён мебошад. Диссертант, ҳангоми баррасии масъалаи мазкур таъкид менамояд, ки маҳз дар замони ҳукумати давлатҳои болозикр тамаддуни ориёӣ ба авҷи олии рушди худ расида, баъзе унсурҳои он хусусияти ҷаҳонӣ касб намуд. Давлатдории тавоно ва мутамарказ ба ақвоми ориёӣ имкони ҳиссаи бештар гузоштан ба тамддуни башарӣ бахшид. Махсусан, дар замони ҳукумати асосгузори нахустин империяи башарӣ Куруши Кабир аҷдоди тоҷикон тавонмандӣ ва тамаддунофарии хешро ба ҷаҳониён собит намуданд. Ҳудуди густурда, халқҳои зиёди тобеъ, фарҳанги ғановатманду гуногунранг ва табдирҳои коммуникатсионӣ дар аҳди

Ҳахоманишиён тамаддуни ориёиҳоро ҷаҳонӣ гардонид. Новобаста аз шикасти ин империя ба ақвоми ориёӣ муяссар гардид, ки тавону қудрати худро дар симои давлатҳои тавонманди замони худ, ки зиёда аз 800 сол дар тамаддуни ҷаҳонӣ нақши меҳварӣ доштанд, эҳё намоянд. Зиёда аз 800 сол аҷдоди тоҷикон давлатҳои арабқудрати хешро, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ ҷойгоҳи шоиста доштанд, монанди Порт, Кушониён, Сосониён ва Ҳайтолиён идора намуданд. Диссертант ба маврид таъкид менамояд, ки ниёгони тоҷикон низоми мукаммалу густурдаи давлатиеро созмон доданд, ки аз ҷониби дигарон ҳамчун намуна пазируфта шуд.

Дар боби дувуми диссертатсия – «Дараҷаи омӯзиши забон, эътиқод ва оинҳои динии ориёиҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон» бошад, баъзе аз унсурҳои меҳварии тамаддуни аҷдоди тоҷикон – ориёиҳо таҳқиқу баррасӣ мешавад. Диссертант бо истифода аз натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносону забоншиносон ва баъзе файласуфон дар асоси осори Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ташаккули гурӯҳи забонҳои ақвоми ориёӣ ва дину оинҳои тозардуштии онҳоро омӯхта ибрози назар менамояд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки забонҳои ориёӣ ба гурӯҳи қадимтарин забонҳои башарият дохил шуда, тавассути он мероси ғановатманди маънавӣ эҷод шудааст. Ӯ нақши Эмомалӣ Раҳмонро дар рӯшан намудани таърихи ташаккул ва густариши забонҳои ориёӣ барҷаста арзёбӣ намуда, осори бунёдии таълифнамудаи ӯро заминаи муҳимми рушди забоншиносӣ ва таърихи забон дар кишвар медонад. Ҳамчунин, дар зербоби дувуми боби мазкур оинҳои тозардуштии ақвоми ориёӣ – меҳрпарастӣ ва зурвония таҳқиқу баррасӣ мегардад. Муаллиф дар асоси асари «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ»-и Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қиёси он бо осори муҳаққиқони варзида масъалаи ташаккул ва густариши оинҳои меҳрпарастӣ ва зурвониёнро таҳлил менамояд. Диққати муҳаққиқро масъалаи густариши оинҳои ақвоми ориёӣ ба сарзаминҳои Аврупо ва Шарқи Наздик ҷалб менамояд. Роҷеъ ба ин масъала муаллиф дуруст иброз медорад, ки маҳз ҷаҳонбинӣ ва тафаккури пешрафтаи аҷдоди тоҷикон имкон дод, ки дину боварҳо ва суннатҳои онҳо берун аз ҳудуди зисташон интишору густариш ёбад.

Диссертант дар боби сеюм – «Инъикоси масъалаи истилои араб ва муборизаи озодихоҳонаи аҷдоди тоҷикон дар осори Эмомалӣ Раҳмон» масъалаи вижагии сиёсати истилогаронаи арабҳо ва муборизаи озодихоҳонаи аҷдоди тоҷиконро дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр бо истифода аз осори Эмомолӣ Раҳмон ва манобеъи таърихӣ баррасӣ менамояд. Муаллиф зиддиятҳои ҳокимони маҳҳалӣ ва парокандагии сиёсии минтақаро омили асосии муваффақияти арабҳо медонад. Вале таъкид мегардад, ки ин муваффақият охири кор набуда, хусусияти муваққатӣ дошт. Мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ба ҳеҷ ваҷҳ ҳукумати истибдодӣ ва қавмгароёнаи арабҳоро қабул карда наметавонистанд, бинобар ин, ҳаракатҳои зиёди озодихоҳӣ дар қиболи чунин сиёсат ба амал омад. Ин ҳаракатҳо аксаран маъмурини арабро водор сохт, ки дар сиёсати шарқиёнаи хеш бо эҳтиёт бошанд ва ин эҳтиёткории онҳо албатта самараи корномаи фарзандони фарзонаи ин диёр монандӣ Абумуслим, Деваштич, Муқаннаъ, Сумбоди Муғ ва дигарон маҳсуб меёфт.

Боби чоруми диссертатсия – «Вижагиҳои густариши тамаддуни ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр ва эҳёи рукнҳои фарҳанги миллӣ дар осори Эмомалӣ Раҳмон» ба раванди омезишёбии унсурҳои фарҳанги ислом ва маҳаллӣ, ҳамчунин неҳзатҳои фикрӣ ва ҷалби хонадонҳои тоҷиктабор ба низоми идории хилофат бахшида шудааст. Диссертант тазаккур медиҳад, ки пешвоёни дини ислом аз миёни халқҳои ғайриараб, махсусан тоҷикон унсурҳои ҷудогонаи ин тамаддунро тавсеа ва рушду нумуъ бахшиданд. Дар таърихи тамаддуни исломӣ метавон номи садҳо донишманду давлатмарди тоҷикро мисол овард. Дуруст иброз мегардад, ки нообаста аз шикасти сиёсӣ тамаддуну фарҳанги ғанӣ ва таҷрибаи давлатдории ақвоми ориёӣ боис гардид, ки минбаъд дар ривоҷу равнақи тамаддуни исломӣ саҳми беназир гузоранд. Ташаккул ва рушди фарҳанги навин, ки заминагузорони он мусулмонони эронӣ буданд, дар китобати дафтару девони хилофат ҳиммат баста, дар роҳи ташаккул ва рушди тамаддуни исломӣ саҳми беназри хешро гузоштанд. Шуубиҳо маҳз ҳамин хадамоти бузурги тоҷиконро ба инобат гирифта, ба муқобили сиёсати қавмгароёнаи арабҳо бо зеҳну мафкура ворид шуданд. Муаллиф омӯзиши таърихи неҳзати фикрии шуубияро аз нигоҳи консепсияи

таърихнависии Эмомалӣ Раҳмон барои решаёбии манфиатҳои миллӣ ва рушди тафаккури миллӣ муҳим мешуморад. Дар масъалаи ҷалби хонадониҳои маҳаллӣ бошад муаллиф таъкид месозад, ки халифаҳои аббосӣ дарк намуда буданд, ки бидуни ҷалб ва ширкати ашрофзодаҳои тоҷик наметавонанд дар сиёсати шарқиёнаашон муваффақ бошанд. Зери таъсири ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва ҷунбишҳои фикрии мардумони эронитабор водор шуданд, ки дар сиёсати шарқиёнаашон аз тадбирҳои дигар кор гиранд. Ҳамин буд, ки дар муттати кӯтоҳ сулолаҳои бонуфузи маҳаллии эронитабори Хуросону Мовароуннаҳр, ба мисли Бармакиён, Саҳлиён, Ковусиён, Мусоиён ва Навбахтиён ба умури идораи хилофати исломӣ ҷалб шуданд.

Дар боби охирин – «Сатҳи омӯзиши давлатдории Тоҳириёну Саффориён дар осори Эмомалӣ Раҳмон» раванди ҷалби ду хонадони тоҷиктабор ва ташаккули ҳукумати мустақили онҳо аз ҷониби диссертант таҳқиқу баррасӣ мешавад. Муаллифи рисола бар он назар мебошад, ки маҳз дар заминаи таҳаввулотҳои идеологӣ (густариши дини ислом) ва иҷтимоии (рушди муносибатҳои феодалӣ)-и ин давра сулолаҳои маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ба сари қудрат омаданд ва ин амр ба ташаккули халқи тоҷик таъсири муассир гузошт. Дар маҷмуъ, ин таҳаввулот барои мардумони манотиқи Мовароуннаҳру Хуросон як марҳалаи нав ва тақдирсоз буд. Аз ҳама муҳим касби қудрати Тоҳириён ва Сафориён барои истиқлоли сиёсии тоҷикон заминаи устувор гузошт. Дар ин марҳалаи тилоии таърихи тоҷикон чандин давлатмард ва донишманде дар арсаи сиёсат ва илму фарҳанг ба камол расиданд, ки омӯзиши корномаи онҳо дар таърихнигорӣ бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Таъкид мегардад, ки бо афзоиши шукуҳу шаҳомати хонадонҳои тоҷиктабор халифаҳои араб ба ташвиш омада, онҳоро аз байн мебардоштанд, вале новобаста ба ин ирода ва кордонии ин сулолаҳо дар низоми идории хилофат боис гардид, ки заминаҳои ташаккули давлатдории миллии тоҷикон гузошта шавад.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар бахши «Хулоса»-и диссертатсия оварда шудааст, ки аксари онҳо аз баррасиҳои натиҷаҳои бадастомада дарак медиҳанд. Номгӯйи интишорот ва феҳристи адабиёти истифодакардаи диссертант

агар аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз тарафи дигар, бозгӯкунандаи сатҳу салиқаи баланди илмӣ-таҳқиқотии касбӣ доштани муаллифро нишон медиҳад. Ин нуктаро, ҳамчунин баҳсҳои диссертант дар мақолаҳои қаблан нашрнамудааш бо муҳаққиқони қаблии ватанию хориҷӣ, ки масъалаи мазкурро баррасӣ намудаанд, собит месозад. Ба аҳли таҳқиқ рӯшан аст, ки диссертант солҳои зиёд ба пужуҳиши масъалаҳои мубрами таърихи аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи халқи тоҷик ва инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон машғул буд. Мақолаҳои зиёд, маърузаю суханрониҳои илмии ӯ, ки пайваста ба нашр мерасиданд, далели рӯшани гуфтаҳои боло мебошад.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои фаровони илмию таҳқиқотӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Дар қисми сатҳи омӯзиши мавзуъ муаллиф номи на ҳамаи он олимону донишмандонеро, ки роҷеъ ба иқодомоту ташаббусҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар осори хеш маълумот медиҳанд овардааст;

2. Дар диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқони сиккашинос (нумизматик) камтар ба назар мерасад;

3. Хуб мешуд, дар радифи масъалаи баромади этникии Ҳайтолиён асли баромад ва ҷуғрофияи ҷойгиршавии Хиёниёну Кидориён мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор мегирифт;

4. Дар оғози зербоби якуми боби чоруми диссертатсия муаллиф аз доираи хронологии масъалаи асосии таҳқиқшаванда каме берун баромадааст;

5. Дар кор баъзан хатогиҳои техникӣ, монанди пешу пас омадани баъзе ҳарфҳо дар калимаҳо мушоҳида мешавад.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коста намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажӯҳишӣ ба анҷом расонидааст.

Диссерататсияи Шарифзода Ҷамолиддин Сафол дар мавзуи «Масоили мубрами таърихи халқи тоҷик (нимаи дувуми ҳазораи II то мелод – асри IX) ва

инъикоси он дар осори Эмомалӣ Раҳмон» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти раками № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва осори илмии ӯ бевосита ба самти таърихнигорӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
24 апрели соли 2025 Ҳақназаров А.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ,
кӯчаи Л. Шералӣ, бинои 13, ҳуҷраи 13
Тел.: (+992)918747325
E-mail: saynakov2012@mail.ru

Имзои А. Ҳақназаровро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.
25 апрели соли 2025

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121. ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj